# АГЕНТИИ ОМОРИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

.

Бо Фармоиши Директори Агентии омори назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз
аз 02.03.2018 с.№ 18 тасдиғқ карда шудааст

## ДАСТУРАМАЛ

### оиди пур кардани шакли ҳисоботи омории №1 СХС (семоҳа) - Фаъолияти субъектҳои хизматрасонии сайёҳӣ

Шакли ҳисоботи омории №1 СХС (семоҳа) - Ҳисобот дар бораи фаъолияти субъектҳои хизматрасонии сайёҳӣ аз ҷониби шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ (соҳибкорони инфиродӣ) новобаста аз шакли моликияташон, ки хизматрасонии меҳмонхонаҳо ва дигар хизматрасониҳои коллективиро (меҳмонхона, мотел, хостел, пансионат, осоишгоҳ, хонаи истироҳатӣ, кемпинг, базаи истироҳатӣ, базаи сайёҳӣ) яъне фаъолияти худашонро аз рӯи таснифоти намуди фаъолияти иқтисодӣ (ТУНФИ 2): 55.1; 55.10; 55.2, 55.20; 55.3; 55.30; 55.9, 55.90, 86.90.4, 50.3, 50.30, 50.30.1, 50.1, 50.10, 50.10.1, 50.10.11, 50.10.12, 50.10.2, 50.10.21, 50.10.22 амалӣ менамоянд, то санаи 10-уми баъди давраи ҳисоботӣ ба мақомоти омори ҷойи ҷойгиршудаашон пешниҳод менамоянд. Ҳисоботи оморӣ дар асоси ҳуҷҷатҳои аввалияи муҳосибавӣ таҳия карда мешаванд.

Ҳисоботи мазкурро инчунин филиалҳо ва намояндагиҳое, ки тавозуни мустақил доранд низ ба мақомоти маҳаллии омор пешниҳод менамоянд.

Дар қисмати суроғавӣ номи субъекти хоҷагидор, суроғаи қабулкунанда ва шакли моликият аз рӯи ҳуҷҷатҳои бақайдгирифташуда нишон дода мешавад. Дар сатри «Ба кӣ пешниҳод карда мешавад» номи пурраи мақомоти оморе, ки ҳисоботи мазкурро қабул менамояд, бо нишон додани суроғаи мақомоти омори қабулкунанда, бояд навишта шавад. Субъектҳои ҳисоботсупоранда дар хотир доранд, ки ҳисоботи пешниҳодкардаи онҳо бояд бурро, хоно пур карда шавад то ин, ки ҳангоми коркарди мошинӣ маълумот дуруст ворид карда шавад.

Мақсад аз ҷой додани катакҳои «Рамзҳо» дар он аст, ки баъд аз ҷамъоварӣ намудани ҳисоботи оморӣ, маълумотҳои дохили он коркарди мошинӣ карда мешавад. Бе нишон додани ин рамзҳо Барномаҳои махсуси коркарди ҳисоботҳои оморӣ маълумотҳои пешниҳоднамударо қабул карда наметавонад. Аз ин лиҳоз дуруст пур кардани ин рамзҳо хеле муҳим мебошад.

Мутобиқи низоми ягонаи синфбандӣ ва рамзгузории маълумотҳои техникӣ – иттилоотӣ ва иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳар як субъект ҳангоми аз қайди давлатӣ гузаштан, рамзгузорӣ карда мешаванд.

Дар ҷумҳурии мо ҳамаи субъектҳо (шахсони ҳуқуқӣ, соҳибкорони инфиродӣ, филиал намояндагиҳои шахсони хориҷӣ) тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқӯқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ» дар низоми «Равзанаи ягона»-и мақомоти андоз бақайд гирифта мешаванд.

Рамзҳои оморӣ дар «Иқтибос аз феҳристи ягонаи давлатӣ» оварда шудаанд;

Тартиби дурусти пур кардани катакҳои рамзҳоро пешкаши шумо менамонем.

Катаки 1-ум рамзи « ТУҲИ – аз рӯи Таснифоти умумии ҳуҷҷатгузории идоравӣ» пур карда мешавад.

Дар катаки 2-юм «РЯМ – аз рӯи Рақами ягонаи мушаххаси корхонаю ташкилотҳо» пур карда мешавад. РЯМ – даҳрақама мебошад, яъне ҳангоми навиштани он бояд 10 рақам баинобат гирифта шавад.

Дар катаки 3-юм рамзи «РУКТ – аз рӯи Рамзи умумии корхонаю ташкилотҳо» пур карда мешавад. РУКТ (ё ин ки дар «Иқтибос» - ТУКТ) – ҳаштрақама мебошад, яъне он бояд на зиёд ва на кам аз 8 рақам навишта шавад.

Дар катаки 4-ум рамзи «ТУНФИ (ё ин ки дар «Иқтибос» -КНФИ) – аз рӯи Таснифоти умумии намуди фаъолияти иқтисодӣ» пур карда мешавад. ТУНФИ (ё КНФИ) – аз ҳарфи лотинӣ ва панҷ рақам иборат мебошад, яъне он бояд ҳатмӣ ҳарфи лотинӣ ва на зиёду на кам аз 5 рақам навишта шавад.

Дар катаки 5-ум рамзи «ТУТОМҲ – аз рӯи Таснифоти умумимиллии тақсимоти объектҳои маъмурию ҳудудӣ» пур карда мешавад. ТУТОМҲ ҳафтрақама мебошад, яъне он бояд на зиёд ва на кам аз 7 рақам навишта шавад.

Дар катаки 6-ум рамзи «ТУМҲДИ – аз рӯи Таснифоти умумимиллии мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва идора» пур карда мешавад. ТУМҲДИ – чоррақама мебошад, яъне он бояд на зиёд ва на кам аз 4 рақам навишта шавад.

Дар катаки 7-ум рамзи «ТШМ – аз рӯи Таснифоти шакли моликият» пур карда мешавад. ТШМ – серақама мебошад, яъне он бояд на зиёд ва на кам аз 3 рақам навишта шавад.

Дар катаки 8-ум рамзи «ТШТҲ – аз рӯи Таснифоти шакли ташкилию-ҳуқуқӣ» пур карда мешавад. Барои субъектҳои соҳаи саноат ТШТҲ – серақама ё чоррақама метавонад шавад.

Ин рамзҳо дар «Иқтибос аз феҳристи ягонаи давлатӣ» оварда шудаанд.

## Фасли 1. Маълумоти умумӣ оид ба фаъолияти субъектҳои хизматрасонии сайёҳӣ

Фасли 1 бо нишондиҳандаи «1» тавсифи ҳар як намуди субъект интихоб кардан лозим аст. Аз сатри 101-114 намуди муносиби субъект интихоб кардан лозим аст. Яке аз намудҳои сатри 101-114 интихоб карда мешавад:

Сатри 101- меҳмонхона.

Сатри 102 - мотел.

Сатри 103 - хостел.

Сатри 104 - дигар намуди меҳмонхона.

Сатри 105 то сатри 109 осоишгоҳҳои истироҳатӣ - фароғатӣ.

Сатри 110-113 муассисаҳои истироҳатӣ – фароғатӣ (хонаи истироҳатӣ, пансионат, кемпинг, базаҳои истироҳатӣ ва дигар муассисаҳои истироҳатӣ)

Сатри 114 – базаҳои сайёҳӣ.

Дар сатрҳои 115-118 низоми андозбандӣ интихоб карда мешавад. Яке аз намудҳои сатри 115-118 интихоб карда мешавад. Дар сатрҳои 119 -120 даврияти фаъолият муайян карда мешавад, яъне фаъолияти доимӣ ё мавсимӣ субъекти хизматрасонӣ нишон дода мешавад.

Дар сатрҳои 121-126 дараҷаи иншоотҳои ҷойгирикунонии ҳайатӣ нишон дода мешавад (1 ситорадор, 2 ситорадор, 3 ситорадор, 4 ситорадор, 5 ситорадор, бе дараҷа).

Дар сатрҳои 127-138 номгӯи касалиҳои муассисаҳои солимгардонӣ интихоб карда мешавад. Сатрҳои номбурда танҳо субъектҳое, ки дар сатрҳои 105-109 нишон доа шудаанд, пур карда мешаванд.

## Фасли 2. Маълумот дар бораи ғунҷоиши яквақта

Дар сатри 201 шумораи умумии ҳуҷраҳо, сатри 202 аз онҳо категрияҳои олӣ, сатри 203 ҳуҷраҳои барои шахсони имконияташон маҳдуд, сатри 204 масоҳати умумии ҳуҷраҳо (бо метри мураббаъ) ва дар сатри 205 шумораи катҳо нишон дода мешавад.

## Фасли 3 Маълумот дар бораи ҷойгиркунии сайёҳон

Дар сатри 301 шумораи умумии сайёҳони ҷойгиршуда ва дар сатри 302 аз он ҷумла шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар сатри 303 шаҳрвандони хориҷи аз рӯи нафар/шабонарӯз нишон дода мешавад. Ҳамзамон ин нишондиҳадаҳо аз рӯи тақсимоти гендерӣ (марду зан) муайян карда мешавад. Илова бар ин дар сатри 303 яъне шумораи умумии шаҳрвандони хориҷӣ ё сайёҳони хориҷӣ дар ҷадвали маълумотномаи 1 аз рӯи номгӯи мамлакатҳо, рамзи мамлакатҳо ва ҷойгиршавии онҳо нишон дода мешавад.

## Фасли 5. Тақсимоти шумораи шаҳрвандони ҷойгиршуда аз рӯи намудҳои мақсадҳои сафар

Дар фасли 5 тақсимоти шумораи шаҳрвндони ҷойгиршуда аз рӯи намудҳои сафар нишон дода мешавад. Дар сатри 501 шаҳрвандони ватанӣ ва дар сатри 502 шаҳрвандони хориҷӣ аз рӯи намудҳои мақсадҳои сафар нишон дода мешавад.

Дар сутуни - 1 шумораи шаҳрвандони ҷойгиршуда аз рӯи мақсади рухсатӣ, дамгирӣ ва фароғатӣ, сутуни - 2 бозомӯзӣ ва тайёрии касбӣ, сутуни - 3 барқароркунии саломатӣ- табобатӣ, сутуни - 4 зиёрати ҷойҳои муқаддас, сутуни - 5 сайёҳони экологӣ, сутуни - 6 корӣ ва касбӣ, сутуни -7 дигар намудҳо нишон дода мешавад.

## Фасли 6. Тақсимоти шумораи шаҳрвандони ҷойгиршуда аз рӯи даврияти будубош

Дар сатрҳои 601 ва 602 шумора шаҳрвандони ватанӣ ва хориҷӣ аз рӯи даврияти будубош дар сутуни 1 бешабонарӯзӣ, сутуни 2 1-3 шабонарӯз, сутуни 2 4-7 шабонарӯз, сутуни 4 8-14 шабонарӯз, сутуни 5 15-28 шабонарӯз, сутуни 6 29-91 шабонарӯз, сутуни 7 – 92-182 шабонарӯз ва сутуни 8- 183 шабонарӯз ва зиёда аз он нишон дода мешавад.

**Фасли 7. Маълумот дар бораи кормандон**

Дар фасли 7 маълумот дар бораи кормандон нишон дода мешавад. Дар сатри 701 шумораи миёнаи кормандон аз он ҷумла дар сатри 702 духтурҳо нишон дода мешавад. Дар сатрҳои 703 кормандони миёнаи тиббӣ, дар сатри 704 аз он ҷумла занҳо, дар сатри 705 шумораи миёнаи кормандоне, ки дар шароити дуҷоякорӣ ва бо қарордоди хухсусияти шаҳрвандию ҳуқуқӣ дошта кор мекунанд ва дар сатри 706 шумора кормандоне, ки бо шартнома фаъолият менамоянд, нишон дода мешавад.

**Фасли 8 Нишондиҳандаҳои асосии фаъолияти молиявӣ – хоҷагӣ**

Дар ин фасл маълумотҳо аз рӯи ҳуҷҷатҳои муҳосибавӣ – молиявӣ пур карда мешаванд. Дар сатри 801 даромад аз пешниҳоди хизматрасониҳо (хизматрасонӣ барои ҷои хоб, хуроки умумӣ, хизматрасониҳоии истироҳатӣ – фароғатӣ, экскурсионӣ, арзиши роҳхат ва ғайраҳо), дар сатри 802 дигар намуди даромадҳо нишон дода мешавад.

Дар сатри 803 хароҷотҳо вобаста ба амалӣ намудани кору хизматрасонӣ нишон дода мешавад. Аз он ҷумла дар сатрҳои 804 хароҷоти моддӣ, дар сатри 805 пардохти хизматрасониҳои ғайримоддӣ, дар сатри 806 хароҷоти сафари хизматӣ, дар сатри 807 музди меҳнат, дар сатри 808 храроҷотҳои барои маблағгузорӣ, харидории асбобу анҷом ва дар сатри 809 дигар хароҷотҳо нишон дода мешавад. Ҳамаи нишондиҳандаҳо дар фасли 8 бо воҳиди ченаки «ҳазор сомонӣ» нишон дода мешавад.